**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи
Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

## ба автореферати Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи: «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Барои амалӣ намудани ҳадафҳои такмили низоми андозбандӣ омили рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити рақамикунонӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар давоми беш аз сӣ соли Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати пиёда намудани ҳадафҳои стратегии барои рушд равонашуда аз ҷумла, соҳаи андоз як қатор тадбирҳо дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати андози кишвар дар ҳамоҳангии таҷрибаи пешқадами ҷаҳони муосир роҳандозӣ гардид.

Фароҳам овардани фазои самаранок бо мақсади рушди босуботи иқтисодиёт дар солҳои охир, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони ватанӣ, пайдо намудани заминаҳои устувор дар масири рақобатпазирӣ ва дигаргуниҳои низоми андозбандӣ самаранок арзёбӣ карда шуда, дар натиҷа болоравии динамикаи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохила ва воридоти андозҳои давлатӣ ба назар мерасад.

Самарабахшии фаъолияти ниҳодҳои асосии молиявӣ аз ҳадафмандӣ ва мутобиқати низоми андоз ба шароити иқтисодӣ ва принсипҳои иқтисодиёти миллӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, табиист, ки дар шароити имрӯза андоз ва сиёсати андоз муҳимтарин объект ва самти ислоҳоти бозорӣ гардидааст.

Дар низоми ҳадафҳои танзими гаронии андоз қонеъ гардонидани талабот оид ба муайянкунии ҳуқуқии ҳудудҳои андозсупоранда мавқеи марказиро ишғол менамояд. Бояд ба назар гирифт, ки масъалаи ҳудудҳои андозбандӣ дар як вақт ду самтро дар бар мегирад: якум, бо ҳаҷми андозбандии инфиродӣ алоқаманд аст, дуюм – сатҳи гаронии андоз дар макросатҳ, яъне кадом ҳиссаи ММД-и ба вуҷудовардашуда бояд ба давлат пардохта шавад.

Аз ин рӯ, мушкилоти низоми муосири андозбандӣ дар он мебинем, ки хусусияти фискалӣ дар низоми андоз дида мешавад ва он дар навбати худ,

татбиқи вазифаҳои танзимӣ ва ҳавасмандгардонии низоми андозро хеле мушкил мегардонад ва боиси баланд гардидани сатҳи гаронии андоз мегардад.

Ин ҳолат дар баррасии меъёрҳои андоз таҷассум меёбад. Масалан, дар ташаккули буҷети кишвар андоз аз арзиши иловашуда, ки меъёри он назар ба кишварҳои ҳамсоя баланд мебошад, аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин асос, танзими гаронии андози субъектҳои ҷузъи ҳаёти иқтисодии ҷомеа муҳимтарин самти иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, бояд тазаккур дод, ки мавзуи интихобнамудаи диссертант Раҷабов Т.С. дар айни замон мубрам аст.

Аз рӯйи автореферат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд анҷом ёфтааст. Саҳми арзандае, ки муаллиф барои танзими гаронии андоз гузоштаст, ба ақидаи мо, ин асоснок кардани рисолати танзими гаронии андоз дар шароити имрӯза мебошанд (с.9).

Унсурҳои баҳодиҳии гаронии андоз, ки муаллиф пешниҳод намудааст (с.11) қобили қабул буда, имкон медиҳад, ки гаронии андоз ҳисоб карда шуда, маълумоти заруриро дар бораи нишондиҳандаи воқеии гарони андоз ба даст орем.

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардадаанд, аз ҷумла усулҳои баланди банақшагирӣ ки ҳолати воқеии сатҳи миёнаи воридотҳои андозиро нишон медиҳад, таҳлили дурусти гаронии андоз дар кишвар, мутобиқ намудани низоми андоз ба шарту шароити иҷтимоӣ иқтисодии кишвар, тартиботи дуруст банақша гирифтани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва ғайра бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешниҳодот фарк мекунанд.

Умуман, диссертатсияи Раҷабов Т.С. як таҳқиқоти мустақилона ва мукаммали илмӣ буда, дар сатҳи баланди назариявӣ иҷро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои асоснокеро дарбар мегирад, ки манфиати амалию методӣ доравд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, аз ҷониби мо ба таври тавсия пешниҳод мегардад, ки ба назар гирифтани он метавонад аҳаммияти илмии корро афзун кунад.

Аз сабаби он ки мавзуи диссертатсияи номзадии унвонҷӯ ба яке аз масъалаҳои мубрами молиявӣ, яъне танзими гаронии андоз бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиш ухдадориҳои андозсупорандагон бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба фаъолияти мунтазам ва дуруст, инчунин коҳишёбии сатҳи гаронии андоз дар андозсупорандагон оварда мерасонад.

Маврид ба қайд аст, ки ҳангоми баланд будани сатҳи гаронии андоз қарзҳои андозӣ зиёд гашта, иқтисодиёти пинҳонӣ ба вуҷуд меояд. Чуноне, ки дисертант қайд менамояд «...карзҳои андозӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мақомоти тафтишотӣ қарор дорад, зеро он маблағи андозеро, ки бояд ба давлат супорида шавад, кам мекунад. Имрӯз ҳангоми машварат дар бораи моҳияти қарзҳои андозӣ, қоидаҳои ҳисоб кардани қарзи андоз, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва нишон додани он дар мақомоти тафтишкунанда (Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷой дода шудааст».(саҳ.20)

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамияти мавзуи мазкур шубҳа ҷой надорад ва он метавонад, ки дар самтҳои асосӣ ва танзими гаронии андоз аҳамияти назарраси илмӣ дошта бошад.

Дар баробари ҳаммаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои якчанд норасоиҳо низ мебошад, аз он ҷумла:

1.Дар диаграммаи 3 (саҳ.20) қарзҳои андозӣ бо назардошти ҷарима ва фоизҳо нишон дода шудааст, вале хуб мебуд роҳҳои коҳиш додани қарзҳои андозӣ байён мегардид, зеро тадбиқи пешниҳодҳои мазкур баҳри баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон заминагузор хоҳад буд;

2.Аз натиҷаи табақабандии ҳиссаи воридоти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ дар ММД муайян намудан душвор аст, ки сатҳи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар кадом сатҳ қарор дорад.

Дар маҷмуъ норасоиҳои ошкоршуда, сифати аслии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад.

Автореферати диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фишурдаи таҳқиқотро ифода карда, муқаррарот ва нуктаҳои асосии онро дар бар мегирад. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Бобозода Ш.Қ.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. тел: (+992-918-31-36-37). E-mail: sharif73-73@mail.ru

**Имзои н.и.и., дотсент Бобозода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур** **Абдуҳалимзода Н.**

09.08.2024